**«ТАСДИҚ МЕКУНАМ»**

**Ректори Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор Насриддинзода Э.С. ________________**

**«01» ______________ соли 2025**

**ПРОТОКОЛИ №1**

ҷаласаи навбатии кафедраи криминалистика ва фаъолияти экспертизаи судии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

аз 28 августи 2025 с. ш. Душанбе

**Раискунанда: н.и.х., профессор Ямоқова З.Д.**

**Котиб: Ҳабибзода Н.Х.**

**Иштирок доштанд:** мудири кафедра, д.и.ҳ. профессор Назаров А.Қ., д.и.ҳ., профессор Давлатзода К.Д., н.и.ҳ., профессор Ямоқова З.Д. н.и.ҳ., дотсент Қодирзода Д.С., н.и.ҳ., дотсент Давлатзода Д.Д., н.и.ҳ., дотсент Раҳмон С.С., н.и.ҳ., дотсент Давлатов Б.С., н.и.ҳ., Аҳмадзода М.С., муаллими калон Насриддинов М., ассистент., Ҳабибзода Н.Х., (ҳамчунон бо иштироки узви Шурои диссертатсионии 6D.КОА–043 назди Академияи ВКД ҶТ, д.и.ҳ., Искандаров З.Ҳ.).

**РӮЗНОМАИ ҶАЛАСА:**

**1. Муҳокимаи рисолаи диссертатсионии унвонҷӯи кафедраи кафедраи криминалистика ва фаъолияти экспертизаи судии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Азамзода Акмал Азам дар мавзуи “Хусусиятҳои истифодаи техникаи криминалистикӣ аз ҷониби муфаттишони прокуратура дар раванди тафтиши ҷиноят: проблемаҳои назариявӣ ва амалӣ” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои**

**ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.12 – Криминалистика; фаъолияти судӣ-экспертӣ; фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ.**

**Роҳбарии илмӣ:** Назаров Аваз Қувватович – доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессори кафедраи криминалистика ва фаъолияти экспертизаи судии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.

**Шунида шуд:** Оид ба масъалаи мазкур унвонҷӯ Азамзода Акмал Азам баромад намуда, дар бораи сохтор, муҳиммият ва рӯзмаррагӣ, вазифа, мақсад ва навгониҳои илмии таҳқиқи диссертатсионии худ маълумот дода, иброз намуд, ки аҳаммияти мавзуъ аз чанд самти муҳими замонавӣ баръало эҳсос мешавад. Имрӯзҳо ҷиноятҳо шакли мураккаб ва нави худро гирифтаанд — киберҷинояткорӣ, ҷиноятҳои муташаккил ва амалиёти террористӣ сол ба сол бештар мегарданд. Дар чунин шароит, мақомоти тафтишотӣ ба воситаҳои наву самараноки муайянсозии ҷиноятҳо ва дастгир кардани ҷинояткорон ниёз доранд. Бо пешрафти босуръати техника, ҷинояткорон аз технологияҳои баланд барои пинҳон кардани ҷиноятҳои худ истифода мекунанд, ки ин вазъият мақомоти тафтишотиро водор месозад, ки сатҳи техникӣ ва шеваҳои кори худро низ мутобиқи талаботи замон беҳтар намоянд.

Истифодаи востаҳои навини техникӣ — ба монанди дронҳо барои гирифтани маълумот, системаҳои назорати видеоӣ ва дигар технологияҳои рақамӣ  метавонад ба самаранокии кори муфаттишон мусоидат намоянд. Бо вуҷуди ин, татбиқи чунин технологияҳо бояд дар доираи муқаррароти ҳуқуқӣ сурат гирад, зеро дар ҳолати истифодаи нодуруст, онҳо метавонанд боиси поймол шудани ҳуқуқи инсон ва сӯистифода аз мансаб шаванд. Аз ин рӯ, таҳияи тавсияҳои равшану асоснок дар бораи тарзи дурусти истифодаи техникаи криминалистӣ аз тарафи муфаттишон дар ҷараёни тафтишот ба масъалаи зарурӣ табдил ёфтааст.

Мақсади асосии ин таҳқиқот дар таҳия ва пешниҳоди тавсияҳои назариявӣ ва амалӣ ба муфаттишони мақомоти прокуратура зоҳир мегардад, то ки онҳо тавонанд воситаҳои техникӣ ва технологияи муосири криминалистиро ба таври самаранок ва мутобиқ ба талаботи ҳуқуқӣ дар амалияи тафтишоти ҷиноятҳо татбиқ намоянд.

Мақсади асосии тадқиқот таҳлили имкониятҳо ва самаранокии истифодаи воситаҳои техникии криминалистӣ аз ҷониби муфаттишони мақомоти прокуратура мебошад, ки ҳадафи он баланд бардоштани сатҳи таҳқиқи ҷиноятҳо ва самаранокии ҷараёни тафтишот аст. Дар доираи ин мақсад, масъалаҳои марбут ба омӯзиши технологияҳои муосир дар соҳаи ҷамъоварӣ, таҳлил ва санҷиши далелҳо мавриди таҳқиқ қарор гирифтаанд. Ин тадқиқот инчунин ба арзёбии нақши ҳамкории муфаттишон бо мутахассисон ва коршиносони соҳа дар раванди тафтиш нигаронида шудааст, то истифодаи воситаҳои техникӣ ва методҳои муосири криминалистӣ дар амалияи тафтишӣ беҳтар гардонда шавад.

Таваҷҷуҳи хосса ба таҳлили татбиқи технологияҳои нав — ба мисли криминалистикаи рақамӣ, усулҳои нави экспертиза ва коркарди маълумот — равона шудааст. Ин ҷанбаҳо ба ташаккули системаи муассири истифодаи воситаҳои техникӣ дар тафтишот мусоидат намуда, дар натиҷа бояд ба ошкорсозии босифат ва саривақтии ҷиноятҳо мусоидат намоянд.

Мақсади асосии истифодаи воситаҳои илмӣ-техникӣ ва криминалистӣ дар раванди тафтиши ҷиноятҳо, пешгирии хатогиҳои эҳтимолии тафтишотӣ ва роҳ надодан ба бардоштҳои нодуруст дар ҷараёни таҳқиқ мебошад. Татбиқи самараноки чунин воситаҳо ба коҳиш додани хатарҳои эҳтимолии ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидани шахсони бегуноҳ ва пешгирии таҳқир ва гунаҳкоркунии беасоси афроди бегуноҳ мусоидат мекунад.

Воситаҳои илмӣ-техникӣ-криминалистӣ як унсури муҳими илми криминалистика маҳсуб меёбанд. Онҳо маҷмӯи таҷҳизот, абзор, мавод ва техникаҳое мебошанд, ки барои таҳқиқ, таҳлил ва ошкорсозии ҷиноятҳо истифода мешаванд. Ба ин мафҳум на танҳо худи воситаҳо, балки методҳо, принсипҳои кор ва тарзи татбиқи онҳо низ дохил мешаванд.

Дар ҷараёни ҷаласа аз ҷониби иштирокчиён д.и.ҳ., профессор Давлатзода К.Д., н.и.ҳ., дотсент Раҳмон Д.С. ва н.и.ҳ., дотсент Қодирзода Д.С., ба унвонҷӯ саволҳо дода шуд, ки ба онҳо Азамзода Акмал Азам ҷавобҳои мукаммал дод.

Баъдан роҳбари илмии унвонҷӯ доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор Назаров А.Қ., баромад намуда, оид ба фаъолияти илмии Азамзода Акмал Азам суханронӣ намуда, изҳор дошт, ки унвонҷӯ қобилияти баланди эҷодӣ дошта, таҳқиқи диссертатсионӣ ҳамчун кори анҷомёфтаи илмӣ ба ҳисоб меравад ва мавзуи он барои татбиқи ҳадафҳои стратегии давлат мусоидат менамояд.

Диссертатсия бо шиносномаи ихтисоси 12.00.12 – Криминалистика; фаъолияти судӣ-экспертӣ; фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ мутобиқат карда, барои ҳимоя аз рӯйи ихтисоси мазкур тавсия дода мешавад.

Дар охир аз иштирокчиёни ҷаласа хоҳиш карда шуд, ки довталабро дастгирӣ намоянд.

Сипас, раиси ҷаласа н.и.ҳ., профессор Ямоқова З.Д., баромад намуда, диссертатсияро ҳамчун кори анҷомёфта ба ҳимоя тавсия намуд.

Дар муҳокимаи диссертатсия иштирокчиёни дигар, аз ҷумла н.и.ҳ., дотсент Давлатзода Д.Д. ва н.и.ҳ. дотсент Давлатов Б.С., баромад намуда, ба унвонҷӯ тавсияҳои муфиди илмӣ доданд.

Баромадкунандагон дар рафти муҳокимаи диссертатсия муҳиммияти мавзуи таҳқиқро қайд карда, саҳми унвонҷӯро дар таҳқиқу баррасии масъалаҳои назариявӣ – методологӣ ва амалии мавзуи мазкур муҳим арзёбӣ намуданд.

Қайд карда шуд, ки Азамзода Акмал Азам муҳаққиқи пурмаҳсул буда, муаллифи 5 таълифоти илмӣ, иштирокчии конференсия ва семинарҳои илмӣ-амалӣ ва назариявии байналмилалию ҷумҳуриявӣ ва дохилидонишгоҳӣ мебошад.

Ҳамзамон, баромадкунандагон эродҳо ва андешаҳоеро изҳор доштанд, ки ба мушаххасу возеҳ баён намудани нуқтаҳои алоҳидаи диссертатсия, нисбатан муфассал шарҳ додани ҷанбаҳое, ки дар амалӣ намудани пешниҳодҳо ва тавсияҳои марбут ба таҳқиқи диссертатсионӣ мусоидат менамоянд.

Азамзода Акмал Азам ба эродҳои баромадкунандагон ҷавобу шарҳҳои муфассал дод. Сипас, лоиҳаи хулосаи кафедра, ки дар асоси баромади баромадкунандагон омода карда шудааст, шунида шуд.

**Ҷаласа қарор кард:**

1. Диссертатсияи Азамзода Акмал Азам дар мавзуи "Хусусиятҳои истифодаи техникаи криминалистикӣ аз ҷониби муфаттишони прокуратура дар раванди тафтиши ҷиноят: проблемаҳои назариявӣ ва амалӣ" барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.12 – Криминалистика; фаъолияти судӣ-экспертӣ; фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ кори тақиқии анҷомёфта ҳисобида шавад.

2. Диссертатсияи Азамзода Акмал Азам дар мавзуи "Хусусиятҳои истифодаи техникаи криминалистикӣ аз ҷониби муфаттишони прокуратура дар раванди тафтиши ҷиноят: проблемаҳои назариявӣ ва амалӣ" барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.12 – Криминалистика; фаъолияти судӣ-экспертӣ; фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ бо дарназардоштиислоҳи эродҳои гирифташуда барои ҳимоя дар шурои диссертатсионии 6D.KOA-043-и назди Академияи вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон тавсия дода шавад.

Хулоса дар ҷаласаи кафедраи криминалистика ва фаъолияти экспертизаи судии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон қабул гардид.

Иштирок доштанд: ҳамагӣ 10 нафар. Натиҷаи овоздиҳӣ: «тарафдор» 10 нафар, «зид» – нест, «бетараф» – нест.

Суратҷаласа аз 28 августи соли 2025, №1.

**Раискунандаи ҷаласа:**
**Профессори кафедраи криминалистика**
**ва фаъолияти экспертизаи судии факултети**
**ҳуқуқшиносии ДМТ, н.и.ҳ.** **Ямоқова З.Д.**

**Котиби ҷаласа:** **Ҳабибзода Н.Х.**

**Имзоҳои Ямоқова З.Д. ва Ҳабибзода Н.Х.-ро**
**ТАСДИҚ МЕКУНАМ:**
**Сардори Раёсати кадрҳо ва**
**корҳои махсуси ДМТ** **Шодихонзода Э.Ш.**

**«____» ____________ 2025 с.**

Суроға: 734025, ш. Душанбе,
хиёбони Рудакӣ, 17. Донишгоҳи миллии Тоҷикистон
Тел.: 2217711, факс: 2271510
Почтаи электронӣ: info@tnu.tj, сомонаи интернетӣ:www.tnu.tj